# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба кори диссертатсионии Фариза Файзизода дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон”, ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Фариза Файзизода дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон” *ба шиносномаи ихтисоси илмии* 6D050307 – Психологияи педагогӣ ва соҳаҳои зерини таҳқиқоти он: Психологияи хонанда дар зинаҳои гуногуни таҳсилот (томактабӣ, мактабӣ, мактаби олӣ), рушди шахсиятӣ ва психологии ӯ; Психологияи муҳити таълимӣ; Психологияи фаъолияти таълимӣ, омӯзиш; Хусусиятҳои психологии хонандагон ҳамчун субъектҳои фаъолияти таълимӣ мутобиқат дорад.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Мавзуи рисолаи илмии Фариза Файзизода дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон” мубрам буда, аз масъалаҳои ҳалталаби психологияи муосир маҳсуб меёбад.

Дар замони муосир пешрафти давлат ва ҷомеаро бе намояндагони соҳиби зеҳни рушдкарда ва қобилиятҳои эҷодӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Маҳз истифодаи оқилонаи захираҳои зеҳнию эҷодии кишвар омили муҳимми пешрафти он ба шумор меравад.

Муайян намудан ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои инкишофи лаёқати зеҳнӣ масъалаи муҳиммест, ки ҳалли босамари он боиси баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ-маърифатии наврасони болаёқат ва татбиқи минбаъдаи лаёқати онҳо дар фаъолиятҳои барои ҷомеа манфиатбор мегардад.

Мубрамии таҳқиқотро шароитҳои зерин муайян месозанд: аз ҷониби ҷомеаи муосир дарк гаштани он, ки «захираи инсонӣ» замина ва

зарфиёти муҳимтарини рушди он аст; босуръат гардидани ҷараёни ҳаёт, афзудани сарбории ахборотӣ ва эмотсионалӣ ба инсон; муаммоҳои зиёде, ки ҳалли онҳо кӯшиши бештари зеҳнию эҷодиро талаб мекунад ва ниҳоят, талаботи ҷомеа ба фаъолияти касбӣ ва шахсияти инсон, ки ӯ бояд эҷодкор, фаъол, масъулиятшинос ва дорои зеҳни инкишофёфтаю маълумоти васеъ бошад.

Ба ақидаи муаллиф, таҳқиқ ва омӯзиши махсусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ имконият медиҳад, ки ҷараёни таълиму тарбия бо дарназардошти имкониятҳои фардии ҳар як наврас ташкил карда шавад, барои инкишофи ҳамҷонибаи имкониятҳои зеҳнию эҷодии ӯ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шаванд.

Фикру андешаҳои дар боло зикргардида далолат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо назардошти талаботи замон ва ҷомеаи навин рӯйи кор омада, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Зикр бояд кард, ки воқеан ҳам пажӯҳиши анҷомдодаи Фариза Файзизода арзиши илмиву аҳамияти амиқи назариявию амалӣ дорад. Дар он масъалаҳои муҳимми хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнии наврасон муайян, илман асоснок ва ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.***

Қобили қайд аст, ки дарвоқеъ, вазифа, фарзияҳои илмӣ ва тамоми ҷанбаҳову паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи рисола асоснок ва дурустанд.

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии доиргардида, хулосаю тавсияҳои методии коркард ва манзуршуда ифодагари онанд, ки муаллиф ба мақсади гузоштааш ноил шуда,

вазифаҳои дар назди таҳқиқот мондаро ҳаллу фасл ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳоднамудааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

***Навгонии илмии таҳқиқот*** дар нуктаҳои зерин ифода меёбад, ки:

- бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон мавриди таҳқиқи комплексӣ ва назариявию амалӣ қарор дода шудааст;

- исбот гардидааст, ки зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ хусусиятҳои ҷинсиро доро мебошад ва байни духтарон ва писарон дар сатҳ ва тарзи зоҳиршавии қобилиятҳои маърифатӣ фарқиятҳои муайян ба мушоҳида мерасанд;

- муайян карда шудааст, ки давраи барвақтии наврасӣ барои рушди лаёқати зеҳнӣ ва ташаккули унсурҳои он муҳити мусоид фароҳам меорад ва маҳз дар ин марҳала фарқиятҳои ҷинсӣ бештар равшан зоҳир мегарданд;

- дар натиҷаи таҳқиқот тасдиқ гардидааст, ки унсурҳои таркибии лаёқати зеҳнӣ (тафаккури мантиқӣ, хотира, тафаккури эҷодӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳо) дар робитаи мутақобила қарор доранд ва рушди яке аз онҳо ба рушди дигарашон мусоидат мекунад;

- маълум гардидааст, ки дараҷаи инкишофи креативнокӣ (эҷодкорӣ) дар наврасон аз муҳити таълимӣ, мазмуни барномаҳои таълимӣ ва омилҳои иҷтимоӣ вобастагии зич дорад;

- асоснок карда шудааст, ки лаёқати зеҳнӣ хусусияти статикӣ надошта, дар тӯли ҳаёти фард зина ба зина ташаккул ва инкишоф меёбад, ки ин раванд аз омилҳои ҷинсӣ, муҳити иҷтимоӣ ва хусусиятҳои инфиродии шахсият вобаста аст.

***Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.*** Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мегарданд:

1) дар давраи синни барвақти наврасӣ дар духтарбачаҳо нисбат ба писарбачаҳо унсурҳои лаёқати зеҳнӣ пешрафтатар мебошанд. Вале ин фарқият аз синф ба синф тадриҷан аз миён рафта, дар синфҳои болой миёни намояндагони ҷинсҳои мухталиф баробар мегарданд;

2) вобаста аз синнусол ташаккули унсурҳои лаёқати зеҳнӣ ба таври номутаносиб инкишоф меёбанд: унсури зеҳнии лаёқати ақлӣ аз синф ба синф инкишф меёбад, вале унсури маромӣ ва эҷодӣ дар синфҳои болой паст мегарданд;

3) инкишофи унсури эҷодии лаёқати ақлӣ аз дараҷаи инкишофи мароми таълимӣ вобаста мебошад: дар наврасоне, ки дар онҳо мароми ботинӣ ба таълим инкишоф ёфтааст, унсури эҷодӣ низ рушд намудааст ва баръакс;

4) динамикаи инкишофи унсурҳои таркибии лаёқати зеҳнӣ дар намояндагони ҷинсҳои гуногун ба таври мухталиф сурат мегирад: дар писарбачаҳо он бонизом ва тадриҷӣ буда, дар духтарон номураттаб ва ҷаҳишӣ аст.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:***

Дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо такя ба асосҳои методологии психология, педагогика; бо таҳлили муаммои таҳқиқшаванда; истифодаи маҷмуи методҳои назариявӣ, эмпирикӣ, озмоишӣ, ки ҳалли ҳадафу вазифаҳои таҳқиқотро имкон доданд; иштироки шахсии унвонҷӯ дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ таъмин карда шудааст.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:***

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар муайян намудани хусусиятҳои ҷинсӣ ва синнусолии зоҳиргардии унсурҳои таркибии лаёқати зеҳнӣ, алоқамандии қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодкорӣ аз талаботи

маърифатӣ дар давраи наврасӣ ифода меёбад, ки метавонад барои ташкили босамари раванди муайянсозӣ ва таълими наврасони болаёқат истифода гардад.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҷиҳати таҳияи барномаҳои таълимӣ, чорабиниҳои гуногуни ба ташаккул ва рушди зарфиёти зеҳнӣ ва эҷодии наврасон нигаронидашуда босамар истифода намуд.

Натиҷагириҳои муаллиф аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои татбиқи амалии консепсияи назарии хеш оид ба хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода пешниҳодҳои мушаххас омода намудааст ва он метавонад ҷиҳати ташкили самараноки раванди муайянсозӣ ва таълими наврасони болаёқат саҳми арзишманд гузорад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва конференсияву семинарҳои илмӣ-амалӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шудаанд.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар умум 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи бандҳои 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи илмӣ аз муқаддима, ду боб, 7 зерфасл, хулосаи умумӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва

замима иборат аст. Мундариҷаи диссертатсия дар 180 саҳифа баён шудааст. Матни он 23 ҷадвал ва 5 расмро дар бар мегирад.

Диссертатсия дорои ду боб буда, боби якум «Ҷанбаҳои назариявию методологии зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ дар давраи наврасӣ» унвон гирифтааст ва он аз чор зерфасл иборат мебошад. Боби мазкурро асосан таҳлили адабиёти илмӣ ва заминаи назариявӣ-методологии тадқиқоти амалӣ ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар зерфаслҳои ин боб проблемаҳои таърихи таҳқиқи масъалаи лаёқати зеҳнӣ, вазъи кунунии таҳқиқу омӯзиши масъалаи лаёқати зеҳнӣ, ҷанбаҳои амалӣ ва назариявии ошкорнамоии наврасони болаёқат ва ниҳоят, хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии (гендерии) зоҳиргардии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ ба таври амиқ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, диққати бештар ба рушди қобилиятҳои маърифатӣ ва зеҳнии наврасон дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия - "Омӯзиши таҷрибавӣ-озмоишии хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон" фарогири се зербоб буда, муҳаққиқ ба масъалаҳои меъёрҳо ва аломатҳои лаёқати зеҳнӣ, асоснокнамоии барномаи ташхисӣ ҷиҳати муайян намудани хусусиятҳои ҷинсии зоҳиргардии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар синни наврасӣ ва ташхиси психологии писарбачаҳо ва духтарбачаҳо ҷиҳати ошкор сохтани хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар онҳо диққати махсус додааст.

Диссертант барҳақ зикр менамояд, ки ташхис ва муайянсозии аломатҳои лаёқати зеҳнӣ амалиёти якдафъаина набуда, фаъолияти маҷмуиест, ки бояд ба чунин талабот: ба таври комплексӣ баҳо додани лаёқати кӯдак; таҳқиқоти объективии дарозмуддат; ба эътибор гирифтани имкониятҳои потенсиалии (ниҳонии) кӯдак ҷавобгӯ бошад.

Ишора меравад, ки дар баҳогузорӣ ба лаёқати кӯдак бояд мутахассисони гуногун ширкат варзанд, яъне ғайри психологҳо, инчунин, иштироки педагогҳо, физиологҳо ва волидон ниҳоят зарур аст.

Натиҷаҳои ташхис ва санҷиши омории онҳо тавассути меъёри муқарраршуда нишон медиҳанд, ки танҳо дар синфи 5-ум (10-11-солагӣ) фарқ миёни писарбачаҳо ва духтарбачаҳо аз лиҳози оморӣ муҳим мебошад. Дар синфҳои минбаъда (синфҳои 6, 7, 8 ва 9) бошад, фарқият миёни намояндагони ҷинсҳои гуногун аз лиҳози оморӣ муҳим нест.

Бояд қайд кард, ки фарқ миёни духтарону писарон дар шакли тамоюли муайян ба назар мерасад. Фоизи духтарон аз рӯйи тамоми унсурҳои лаёқати зеҳнӣ нисбат ба фоизи писарон аз рӯйи сатҳи рушди унсурҳои мазкур дар синфҳои панҷум ва шашум бештар аст. Вале ин фарқият тадриҷан аз синф ба синф кам шуда, дар синфи нуҳум комилан баробар мегардад.

Муаллиф аз натиҷаҳои озмоишҳо ба хулоса меояд, ки бори дигар қонуниятҳои синнусолии рушди маърифатиро миёни духтарону писарон собит месозад: дар ибтидои инкишофи синнусолӣ дар рушди қобилиятҳои маърифатӣ духтарон аз писарон афзалият доранд.

Дар зинаҳои таҳсил теъдоди хонандагони дорои тафаккури эмпирикӣ кам гашта, мувофиқан, теъдоди хонандагони дорои тафаккури назариявӣ дар намояндагони ҳар ду ҷинс меафзояд, ки аз нақши муҳимми таълим дар рушди тафаккури назариявӣ гувоҳӣ медиҳад.

Аз таҳлили анҷомдодаи муҳаққиқ аён мегардад, ки дар динамикаи инкишофи тафаккур миёни духтарон ва писарон фарқият ба назар мерасад: рушди писарон якмаром ва батадриҷ аст, дар сурате, ки тасвири рушди духтарон номутавозин буда, аз синф ба синф хусусияти пасту баландшавиро зоҳир мекунад. Умумияти духтарбачаҳо ва писарбачаҳо дар он падид меояд, ки дар намояндагони ҳарду ҷинс зиёдшавии теъдоди хонандагони дорои тафаккури назариявӣ аз синф ба синф ба мушоҳида мерасад. Аз ин метавон хулоса баровард, ки таълим дар мактаб ба инкишофи тафаккури назариявӣ мусоидат мекунад.

Гузашта аз ин, таҳлили замимаҳо (замимаҳои 1 то 5) нишон медиҳад, ки тамоми хонандагоне, ки сатҳи баланд ва баландтарини эҷодкориро зоҳир намуданд, соҳиби мароми ботинӣ ба таълим мебошанд. Ин фарзияи илмии таҳқиқотро дар мавриди алоқамандии мароми ботинӣ ба таълим ва унсурҳои лаёқати зеҳнӣ собит месозад.

Тавре ки муаллиф иброз медорад, таҳқиқоти мазкур ниҳоӣ набуда, васеъ намудани доираи озмудашавандагон ва фаро гирифтани намудҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (гимназияҳо, литсейҳо, мактабҳо хусусӣ ва ғайра) метавонад натиҷаҳои дигарро нишон диҳанд.

Хуллас, таҳлили адабиёти марбутаи психологӣ-педагогӣ муайян сохт, ки лаёқати зеҳнӣ зуҳуроти мураккаб, бисёрҷузъа ва таркибӣ буда, моҳияти онро алоқамандии байниҳамӣ ва ҳамкории ҷузъҳои асосии таркибии он – қобилиятҳои зеҳнӣ (интеллектуалӣ), эҷодкорӣ (креативнокӣ) ва талаботи маърифатӣ ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, ба қадри кофӣ рушд кардани аққалан яке аз ин ҷузъҳо аз мавҷудияти лаёқати зеҳнии хонанда гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқот дар самти муайян намудани фарқиятҳои гендерии зоҳиргардии психика мавҷудияти тафриқаҳои мушаххасро дар падидоии хусусиятҳои шахсӣ, соҳаи маърифатӣ ва эмотсионалӣ-иродавии шахс собит месозад. Таҳқиқоти мазкур бештар ба соҳаи маърифатӣ бахшида шуда, мавҷудияти дигаргуниҳои муайянро дар ҷоришавӣ ва зуҳуроти тафаккур, идрок ва хотир дар намояндагони ҷинсҳои мухолиф таъкид менамояд.

Ҷиҳати муайян намудани дараҷаи инкишофи лаёқати зеҳнӣ дар хонандагони синни миёнаи мактабӣ барномаи ташхисӣ мураттаб ва дар амал татбиқ гардидааст, ки бо методикаҳои мувофиқ ва эътимодноку валиднок фаро гирифта шудааст. Барномаи ташхисӣ бо дарназардошти тасаввуроти муосир оид ба лаёқати зеҳнӣ мураттаб шуда, ташхиси тамоми ҷузъҳои таркибии лаёқати зеҳниро пешбинӣ менамояд.

Дар заминаи омӯзишу баррасии сарчашмаҳои боэътимод муаллиф принсипҳои асосии ҷудонамоии наврасони дорои лаёқати зеҳниро асоснок мекунад, ки муҳимтаринашон инҳоянд: хусусияти маҷмӯии арзёбии тарафҳои гуногуни рафтор ва фаъолияти наврас; дарозмуддат будани раванди ташхис; таҳлили рафтори наврас дар он соҳаҳои фаъолият, ки ба ҳадди аксар ба майлу рағбатҳои ӯ мувофиқанд; истифодаи машғулиятҳои тренингӣ дар раванди ташхис; ба раванди арзёбии навраси болаёқат шомил намудани коршиносҳо – мутахассисони баландпоя аз соҳаи мувофиқ ба фаъолият.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:***

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия" (қарори Раёсати КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017 №3/1 мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин гардидааст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, ба забони равони тоҷикӣ, босаводона таълиф ёфта, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя

гардидааст. Роҷеъ ба ҳар як боб ва дар умум оид ба рисола хулосаҳои равшану возеҳ бароварда шудаанд.

***Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*** Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло гуфта шуд, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо орӣ нестанд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи корҳои таҳқиқотӣ ба манфиат хоҳад буд, чунончи:

1. Назару ақидаҳои илмии олимони ватанӣ камтар ба эътибор гирифта шуда, дар рӯйхати адабиёт ном ва осори илмии онҳо ҷой нагирифтаанд.
2. Агар ба таҳқиқоти озмоишӣ танҳо як гимназияи шаҳри Душанбе барои бачаҳои болаёқат фаро гирифта нашуда, балки бо мақсади муайянсозии фарқият ва амиқу фарохтар намудани доираи таҳқиқот озмоишҳо дар дигар муассисаҳои таълимӣ бо ҷалби теъдоди муайяни хонандагон доир карда мешуданд, натиҷаҳои кор қиёсан дақиқу возеҳтар ошкор мегардиданд.
3. Дар тахия ва тартиби рӯйхати адабиёти диссертатсия ҷо-ҷо ба иштибоҳ роҳ дода шудааст, ки бояд талаботи он ба назар гирифта шавад.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд.

Дар ин маврид бояд ишора кард, ки камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСАҲОИ ҶАМЪБАСТӢ

Диссертатсияи Фариза Файзизода дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон” кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ навишта шудааст. Ин баёнгари он аст, ки ӯ дар атрофи мавзуи интихобнамудааш аз оғози таҳқиқот то анҷоми он ҷиддан таҳлили кори илмӣ бурдааст.

Муҳаққиқ ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Кори диссертатсионии Фариза Файзизода дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон”, ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи педагогӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи меъёрҳои Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, бо назардошди тағйиру иловаҳо ба тартиби мазкур тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023 таҳти № 295 комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи педагогӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ: номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент, сармутахассиси шуъбаи
мониторинг ва идораи сифати таълими
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Носиров Саъдулло Шукулоевич

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734067, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14.
Тел: (+ 992) 935 31 17 71.
Почтаи электронӣ: nosirov1965@mail.ru

“ ”_________ соли 2025

*Имзои “С. Носиров”-ро тасдиқ мекунам:*

Сардори ШК ва КМ-и ДДМИТ Мирҷамолов М.А.